«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
__________ Насриддинзода Э.С.
аз «__»__________ соли 2025.

# ХУЛОСАИ

кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи унвонҷӯ Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» дар кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар марҳилаи омода намудани кори диссертатсионӣ Кароматуллои Юсуф ба ҳайси унвонҷӯ, ҳамзамон ассистенти кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геология ба шумор мерафт.

Кароматуллои Юсуф соли 2012 ба факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2017 бо дипломи муқаррарӣ хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 01.02.2018, №54-05 ба ҳайси унвоҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, онро бо фармоиши ректор №479-05 аз 06.12.2021 хатм намудааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Кароматуллои Юсуф дар шурои олимони факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

суратҷаласаи №09 аз 29.05.2018 тасдиқ гардида, роҳбарӣ илмӣ доктори илмҳои геология ва минералогия Валиев Шариф Файзуллоевич таъин карда шудааст.

Кароматуллои Юсуф имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни «Забони хориҷӣ» санаи 15.12.2021 бо баҳои 4 (хуб), «Таърих ва фалсафаи илм»-ро санаи 02.03.2022 бо баҳои 4 (хуб) ва ихтисос: 1.6.32. – Геоэкология санаи 25.10.2025 бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар ҷаласаи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техника аз 03.11.2025, №04 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсияи мазкур ба бандҳои 3, 14 , 17 ва 18 аз рӯи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мувофиқ аст:

3. Арзёбии ҳолати реҷаи обии ҳудудҳо ва оқибатҳои геоэкологии тағйирёбии он вобаста ба тағйирёбии андозаҳои иқлим. Таҳлили геоэкологии таъсири танзими ҷараёни дарёҳо ба экосистемаҳои обӣ, соҳилӣ-обӣ ва заминӣ, инчунин асосноккунии роҳҳои ҳифз ва барқарорсозии экосистемаҳои обӣ ва заминӣ.

14. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои рушди равандҳои хатарноки табиӣ ва технотабиӣ, пешгӯии рушди онҳо, арзёбии хатар ва хавф, идоракунии хавф, чораҳои пешгирикунанда барои коҳиш додани паёмадҳои равандҳои фалокатбор, ҳифзи муҳандисии ҳудудҳо, биноҳо ва иншоот.

17. Ҷанбаҳои геоэкологии рушди устувори минтақаҳо.

18. Арзёбии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология. Таҳияи асосҳои илмии экспертиза ва назорати давлатӣ дар соҳаи экологӣ.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Унвонҷӯ Кароматуллои Юсуф доир ба муайян намудани хусусиятҳои табдилёбии муҳити атроф ва коҳиш додани хавфҳои геологиро масъалаи муҳимтарини геоэкологӣ арзёбӣ намуда, бо ин мақсад гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи геоэкологиро дар шароити таъсири техногенӣ, инчунин, таҳияи чораҳо оид ба коҳиш ва типикунонии хатарҳои табиӣ, экологӣ ва техногенӣ вазифаи актуалӣ ва аввалиндараҷа дарҷ кардааст. Бори аввал хусусиятҳои шароити геоэкологии минтақаи истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт, ошкор ва муқаррар карда шуданд; бори аввал хавфҳои геологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ - истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт арзёбӣ гардиданд; аввалин маротиба харитаҳои хавфҳои табиӣ-геоэкологӣ ва арзёбии таъсирбахшии онҳо ба муҳити геоэкологӣ тартиб дода шуданд; тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба коҳиш додани таъсирбахшии хавфҳои табиӣ, экологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот метавонанд аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъсири истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок ба муҳити зист, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ ва инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ ва географӣ дар вақти гузаронидани лексияҳо, дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ истифода гардад.

Қисмҳои ҷудогона ва натиҷаҳои муайяни кор вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ дар шакли тавсияҳо ва барои татбиқ дар истеҳсолот пешниҳод карда шудааст (санадҳои татбиқ аз ҷониби КВД «Ангишти тоҷик» санаи 27.05.2025 ва аз ҷониби КФ КА «Зиддӣ» санаи 17.09.2025 дода шудааст).

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба омӯзиши хусусиятҳои геоэкологии майдони конҳои ангишт ва равандҳои хатарноки табиӣ дар ҳудуди қисмати Тоҷикистони Марказӣ равона шудааст, ки дар давраи солҳои аз 2018 то 2025 муаллиф дар ҳамкорӣ бо устодони кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронидааст. Аз ҷониби муаллиф ҷамъоварии маводи зарурӣ коркарди маълумоти оморӣ тайи солҳои 2021 - 2025 иҷро карда шуда, арзёбии ҳолати геоэкологӣ дар минтақаи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор гузаронида шудааст. Мустақилона харитаҳои гидрологии минтақа, релефи нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, ландшафтҳои нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, хокҳои нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, мониторинги арзёбии хавфҳои табиии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, муҳандисӣ–геоэкологии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, муҳандисӣ-геоэкологии хавфҳои табиий нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, тадбирҳои конструктивӣ ва технологии ҷори намудани НБО-и хурд ва технологияи муосири интиқоли ангиштро таҳия намудааст.

Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология мутобиқат менамояд:

1.9. Баҳодиҳии ҳолат, тағйирот ва идоракунии ландшафтҳои муосир.

1.13. Динамика, механизм, омилҳо ва қонуниятҳои инкишофи равандҳои хатарноки табиӣ ва техникӣ-табиӣ, пешгӯии рушди онҳо, баҳодиҳии хатар ва хавфҳо, идоракунии хавфҳо, чораҳои пешгирикунанда оид ба коҳиш додани оқибатҳои равандҳои фалокатовар, ҳифзи муҳандисии худудҳо, биноҳо ва иншоот.

1.17. Баҳодиҳии геоэкологии ҳудудҳо. Усулҳои муосири харитасозии геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология. Коркарди асосҳои илмии ташхис (экспертиза) ва назорати давлатии экологӣ.

Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф аз муқаддима, 4 боб, 20 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Кароматуллои Ю. Вазъи кунунӣ ва дурнамои захираҳои ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ю. Кароматуллои, С.А. Таваров //Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2020. – №1. - С. 36-42; ISSN 2664-1534.

2. Кароматуллои Ю. Таҳлили вазъи саноати ангишти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ю. Кароматуллои //Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2020. – №4. – С. 66-71; ISSN 2664-1534.

3. Кароматуллои Ю. Хусусиятҳои сифатии конҳои ангишти Тоҷикистони Марказӣ / Ю. Кароматуллои //Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2022. – №2. – С. 49-55; ISSN 2664-1534.

4. Кароматуллои Ю. Механизми ҷалби сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноати ангишт / Ю. Кароматуллои, О.С. Табарзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 186-191; ISSN 2413-5151.

5. Кароматуллои Ю. Хусусиятҳои геоморфологӣ ва таснифи физикӣ-географии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор / Ю. Кароматуллои //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ. – 2024. – №4. – С 78-81; ISSN 2707-9996.

6. Кароматуллои Ю. /Элементҳои асосии морфологӣ ва хусусиятҳои сохтори релефи нишебии шимоли қаторкӯҳи Қаротегин / Ю. Кароматуллои //Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2024. – №4. – С. 33-36; ISSN 2664-1534.

7. Кароматуллои Ю. Мавқеии географӣ, сохтори геологӣ ва шароити иқлимии ҳавзаи болооби дарёи Кофарниҳон / Ю. Кароматуллои // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2025. – №1. – С.78-83; ISSN 2664-1534.

II. Мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳои илмӣ нашршуда:

8. Кароматуллои Ю. Тағйирёбии иқлим ва таъсири корхонаҳои саноатӣ ба муҳити зист / Б.Р. Асламов, Ю. Кароматуллои, К.Р. Асадуллоев, М.А.Холмирзоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои пайдоиши конҳои канданий фоиданоки эндогенӣ». ДМТ, Душанбе, 2021. – С. 33-37.

9. Кароматуллои Ю. История изучения угольных месторождений Центрального Таджикистана / Ю. Кароматуллои // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои пайдоиши конҳои канданиҳои фоиданоки эндогенӣ». ДМТ, Душанбе, 2021. – С. 48-51.

10. Кароматуллои Ю. Истихроҷи кони ангишти Зиддӣ ва таъсири он ба муҳити атроф / Ю. Кароматуллои //Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои экологии минтақаҳои табии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Душанбе, 2021. – С. 146-152.

11. Кароматуллои Ю. Шароити сейсмикии қаторкӯҳҳои Ҳисору Олой / Ю. Кароматуллои, Э.С. Юсупов, Ҳ.Ш. Валиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои геология ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок» бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040). ДМТ, Душанбе, 2024. – С.156-162.

12. Кароматуллои Ю. /Сохтори геологии нишебии ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор / Ш.Ф. Валиев, Ю. Кароматуллои // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Тағйирёбии иқлим: пиряххо ва захираҳои обии Осиёи Миёна». МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 2024. – С. 352- 361.

13. Кароматуллои Ю. Сохтори тектоникии нишебии ҷанубӣ қаторкӯҳҳои Ҳисор / Ш.Ф. Валиев, Ю. Кароматуллои, Э.С. Юсупов, Б.Р. Асламов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масоили геологӣ: дурнамо ва рушди соҳа». Донишгоҳи давлатии Данғара, 2024. – С.71-80.

14. Кароматуллои Ю. Татбиқи энергияи сабз дар шабакаҳои обии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор / Ю. Кароматуллои //Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Пиряххои Тоҷикистон –

манбаи захираи обҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим». ДМТ, Душанбе, 2025. – С.289-294.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзӯи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 03.11.2025, №04 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ -13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» -нест, «бетараф» -нест.

Раиси ҷаласа, и.в. мудири кафедраи
геология ва менеҷменти маъдану техникаи
факултети геологияи ДМТ, н.и.г.м. Қодиров А.А.

Котиби ҷаласа,
муаллими калон Шомаматов Х.А.

Имзоҳои Қодиров А.А. ва
Шомаматов Х.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
03.11.2025